**Резаахбор**

## Меъёри бозтамвил бетағйир нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №28 аз 11 феврали соли 2022 ҷиҳати бетағйир нигоҳ доштани меъёри бозтамвил дар сатҳи 13,25 фоизи солона қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти боқӣ мондани фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд. Мақсад аз қабули қарори мазкур дар давраи миёнамуҳлат нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он мебошад.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.*** Дар соли 2021 барқароршавии босуръати рушди иқтисодиёти ҷаҳон, тамоюли пастшавии сатҳи бекорӣ, рушди тиҷорати байналхалқӣ, афзоиши даромаднокии аҳолии кишварҳо ба номувозинатии маҷмӯи талаботу таклифоти ҷаҳонӣ мусоидат намуда, боиси афзоиш ёфтани фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ, бахусус нокифоятии молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳони ва болоравии нархи онҳо, инчунин қимат шудани нархи хизматрасонии ҳамлу нақли молҳо гардид.

Афзоиши омилҳои таваррумии ҷаҳонӣ дар навбати худ ба сатҳи нархҳои дохилии кишвар ва интизориҳои таваррумии аҳолӣ таъсири бевоситаи худро расониданд. Аз ин лиҳоз, омилҳое, ки бештар ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, асосан хусусияти ғайримонетарӣ дошта, аз ҳисоби таконҳои берунӣ – болоравии нархҳои ҷаҳонии молҳои хӯрокворӣ ва сӯзишворӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, дар соли сипаригардида афзоиши даромаднокии аҳолӣ ва талаботи маҷмӯии онҳо, барқароршавии босуръати иқтисодиёти кишвар (рушди воқеии иқтисодиёт 9,2 фоиз) ва омилҳои мавсимӣ ба ноустувории сатҳи нархҳо таъсири худро расониданд.

Новобаста аз ин, тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар соли 2021 дар доираи ҳудуди болоии ҳадафи муқарраршудаи сатҳи таваррум яъне 8,0 фоиз ҷамъбаст гардид, ки он нисбат ба соли қаблӣ 1,4 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 7,3 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 7,5 фоиз ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 11,3 фоиз ба амал омад.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Дар соли 2022 низ мисли соли 2021 идомаёбии барқароршавии иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла тадриҷан боз гардидани марзҳои кишварҳо, рушд ёфтани соҳаи сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва логистикӣ маҷмӯи талаботро иловатан зиёд намуда, эҳтимолан ба номувозинатии маҷмӯи талаботу таклифот мусоидат хоҳад намуд. Дар навбати худ барзиёдии маҷмӯи талабот нисбат

ба таклифот ба идомаёбии болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ, бахусус нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва маводи сӯзишворӣ дар давраи кӯтоҳмуддат замина мегузорад.

Тибқи маълумоти омории бонкҳои марказии (миллии) аксари кишварҳои ҷаҳон, айни замон афзоиши назарраси сатҳи нархҳо мушоҳида гардида, интизор меравад, ки тамоюли болоравии онҳо то охири соли ҷорӣ идома меёбад. Дар робита ба ин, аз ҷониби бештари бонкҳои марказӣ (миллӣ) пешбурди сиёсати зиддитаваррумии монетарӣ роҳандозӣ шуда истодааст.

Бинобар ин, дар соли ҷорӣ низ Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ дар доираи ваколатҳо тамоми имкониятҳоро ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосии худ, яъне нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат бо истифода аз механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ роҳандозӣ менамояд.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо назардошти омилҳои болозикр, бахусус беҳтар гардидани вазъ ва дурнамои иқтисодиёти ҷаҳон, боқӣ мондани фишорҳои таваррумӣ, эҳтимолияти болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ва баланд будани интизориҳои таваррумии аҳолии кишвар аз ҷониби аъзоёни Кумита пешниҳод гардид, ки меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бетағйир дар сатҳи 13,25 фоизи солона нигоҳ дошта шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири хавфҳои эҳтимолии таваррумӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт, минбаъд низ татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро тавассути истифодаи фишангҳои таъсирбахши худ, аз ҷумла меъёри бозтамвил ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат идома хоҳад дод.